# Тафсири Анворул-Қуръон

## (сураи Фотиҳа)

Таълифи: Абдурауфи Мухлис

Китобхонаи Мероси Абуҳанифа

| **Унвони китоб:** | **Тафсири Анворул-Қуръон (сураи Фотиҳа)** |
|---|---|
| **Нависанда:** | Абдурауфи Мухлиси Ҳаравӣ |
| **Баргардон аз хатти форсӣ ба тоҷикӣ (кириллӣ)** | Ҳайти китобхонаи Мероси Абуҳанифа |
| **Мавзӯъ:** | Тафсир |
| **Таърихи интишор:** | Исфанд (ҳут) 1394 шамсӣ, ҷимодиул аввал 1437 ҳиҷрӣ |
| **Таърихи баргардонӣ бо хати кириллӣ:** | Июли соли 2021 |
| **Теъдоди саҳифаҳо:** | 18 |
| **Манбаъ, бо хати форсӣ:** | Китобхонаи Қалам **www.qalamlib.com** |
| **Манбаъ, бо хати тоҷикӣ:** | Китобхонаи Мероси Абуҳанифа **www.merosi-abuhanifa.com** |

**Ин китоб аз сайти китобхонаи Қалам гирифта шуда ва аз тарафи ҳайати китобхонаи Мероси Абуҳанифа ба тоҷикӣ баргардонида шудааст**

Эмайли китобхонаи Қалам: book@qalamlib.com

Эмайли китобхонаи Мероси Абуҳанифа: book@merosi-abuhanifa.com

***Огоҳӣ:*** *Дар китоби мазкур баъзе калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои форсӣ, ки барои хонандагони тоҷик душворфаҳм мебошанд, дар дохили қавс шарҳ дода шуда ва ё ин ки калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳои ҳаммаъно истифода шудаанд.*

# Мундариҷа


Муқаддима ........ 3

Ақидаи Аҳли суннат ва ҷамоъат дар бораи номҳо ва сифатҳои Аллоҳ таъоло ........ 3

Сураи Фотиҳа ........ 5

Сабаби номгузории сура ........ 5

Фазилати сура ........ 5

Ба номи Аллоҳи бисёр бахшанда ва бисёр меҳрубон ........ 8

Ҳамаи ситоишҳо шоистаи Аллоҳест, ки Парвардигори оламиён мебошад. ........ 10

Бисёр бахшанда ва бисёр меҳрубон аст. ........ 11

Молики рӯзи ҷазост. ........ 12

Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем. ........ 13

Моро ба роҳи рост ҳидоят фармо. ........ 14

Роҳи касоне, ки ба онон неъмат арзонӣ доштаӣ. ........ 16

На роҳи касоне, ки мавриди хашм қарор гирифтаанд. ........ 16

Ва на роҳи гумроҳон. ........ 17

**Муқаддима**

**Ақидаи Аҳли суннат ва ҷамоъат дар бораи номҳо ва сифатҳои Аллоҳ таъоло**

Яке аз заруриятҳои имон ба Аллоҳ таъоло, ин имон ба номҳо ва сифатҳои Бори таъоло мебошад. Имон овардан ба ин ки Аллоҳ Раҳмон, Раҳим, Қавӣ ва Азиз аст ва ҳамчунин бояд тазаккур дод, ки номҳо ва сифатҳои Аллоҳ таъоло тавқифӣ ҳастанд, яъне ҳар ном ва васфе, ки барои зоти Бори таъоло дар Қуръон ва Суннати саҳеҳ омадааст, қобили истидлол аст *(қобили истидлол ба он маъно, ки ҳар ояте, ки дар он ном ва ё сифати Аллоҳ таъоло зикр шудааст, далолаткунанда бар он аст, ки Аллоҳ таъоло ҳамин ном ва сифатҳоро дорост)*.

Бояд донист, ки Аллоҳи субҳон шабеҳ ва монанди ҳеҷ як аз махлуқоташ намебошад. Аллоҳ таъоло дар ин замина чунин мефармояд:

لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ

**"Ҳеҷ чиз ҳаммонанди Аллоҳ таъоло нест ва Ӯ шунаво ва биност."** (Шуро, 11) Дар инҷо Аллоҳ таъоло бо вуҷуди исботи сифати шунидан ва дидан барои худ, ҳаргуна ташбеҳ ва ҳаммонандеро аз худ рад мекунад. Ҳамчунин бояд ба дигар номҳо ва сифатҳои воридшуда барои Аллоҳ таъоло имон дошт ва аз ҳар гуна таъвил (*маъноро дигар кардан*), таҳриф (*маъноро бо дигар намуд гуфтан*) ва тамсил (*монанд кардан*) худдорӣ намуд. Худованд дар Қуръони карим мефармояд:

وَلِلَّهِ ٱلۡأَسۡمَآءُ ٱلۡحُسۡنَىٰ فَٱدۡعُوهُ بِهَاۖ وَذَرُواْ ٱلَّذِينَ يُلۡحِدُونَ فِيٓ أَسۡمَٰٓئِهِۦۚ سَيُجۡزَوۡنَ مَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ

**“Ва зеботарин номҳо барои Аллоҳ таъолост, пас Ӯро ба он [номҳо] бихонед ва касонеро, ки дар [мавриди] номҳояш ба инҳироф мераванд [ва онҳоро таъвилу таҳриф мекунанд] раҳо кунед. Онон ба [сазои] ончи мекарданд, муҷозот хоҳанд шуд."** (Аъроф, 180)

Аз ҷумлаи сифатҳое, ки дар Қуръон ва Суннат зиёд омадааст, сифати **даст** мебошад. Ба таври мисол дар оятҳои зерин:

**يَدُ ٱللَّهِ فَوْقَ أَيْدِيهِمْ**

**"Дасти Аллоҳ болои дастҳояшон аст."** (Фатҳ, 10)

**وَقَالَتِ ٱلْيَهُودُ يَدُ ٱللَّهِ مَغْلُولَةٌ**

**"Яҳуд гуфтанд, ки дасти Аллоҳ баста аст."** (Моида, 64)

**قَالَ يَٰٓإِبْلِيسُ مَا مَنَعَكَ أَن تَسْجُدَ لِمَا خَلَقْتُ بِيَدَىَّ**

**"Гуфт: “Эй иблис, чӣ чиз туро аз саҷда кардан дар баробари ончи Ман бо ду дасти худ офаридаам, манъ кард?”"** (Сод, 75) Албатта бо ин сифатҳо бояд бовар дошт, ки Аллоҳ таъоло дорои даст аст, вале ба ҳеҷ ваҷҳ ин даст монанди дасти махлуқот нест ва ҳатто набояд дар зеҳн тасаввури чунин дастеро барои Аллоҳи субҳон кард. Ҳамчунин набояд дастро бо қудрат ё чизҳои дигаре шарҳ дод кард, зеро агар Худованд мехост чунин калимаеро ба кор бибарад, ҳеҷ монеъе вуҷуд надошт ва мефармуданд: ***Қудрати Аллоҳ болои ҳамаи қудратҳост.***

Ҳамчунин дигар сифатҳои Аллоҳро ба гунае барои Аллоҳ собит мекунем, ки аз ҳар гуна ҳаммонандӣ бо махлуқоташ дур бошанд.

**Сураи Фотиҳа**

*Сураи маккӣ буда ва дорои 7 оят мебошад.*

**Сабаби номгузории сура**

Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки Фотиҳа ба маънои оғози ҳар чиз истифода бурда мешавад, ин сураро низ **“Фотиҳатул китоб”** номиданд, зеро Қуръон бо он ифтитоҳ шудааст. Аз тарафе ин аввалин сура аз Мусҳафи Шариф аст, ки котибони Қуръон онро менависанд ва аввалин сура аз китоби маҷиди илоҳист, ки хонанда онро тиловат мекунад, гарчанде ки аз назари тартиби нузули оёт, ин сура аввалин оёти нозилшудаи Қуръон нест.

Сураи Фотиҳа дувоздаҳ ном дорад, ки машҳуртарини онҳо се номи зерин аст: **“Фотиҳатул китоб”**, **“Уммул китоб”** ва **“Сабъал масонӣ”**[1]. Аз дигар номҳои машҳури он **“Ҳамд”**, **“Салот”** ва **“Воқеъа”**[2] мебошанд.

**Фазилати сура**

Дар фазилати ин сура ҳадисҳои зиёде ривоят шудааст, аз он ҷумла ҳадиси шарифи зер ба ривояти Бухорӣ ва Аҳмад аз Абисаид ибни Маълӣ разияллоҳу анҳу. Абисаид ибни Маълӣ разияллоҳу анҳу гуфт: Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ба ман фармуданд: ***“Бидон, қабл аз он, ки аз масҷид хориҷ шавӣ, туро аз бузургтарин сураи Қуръон огоҳ хоҳам сохт.*** *Абусаид мегӯяд: Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам дастамро гирифтанд ва ҳамин, ки хостанд аз масҷид хориҷ шаванд, гуфтам: Эй Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам, магар Шумо нагуфтед, ки туро аз бузургтарин сураи Қуръон огоҳ хоҳам сохт?*

---

[1] Яъне ҳафт ояте, ки қироати онҳо дар намозҳо такрор мешаванд.
[2] Яъне “Нигоҳдоранда”.

***Фармуданд: Оре бузургтарин сураи Қуръон:* ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَٰلَمِينَ *аст. Ин ҳамон Сабъал масонӣ (ҳафт ояти такроршаванда) ва Қуръони азимест, ки ба ман дода шудааст”.***

Ҳамчунин дар ҳадиси шариф бо ривояти Муслим дар Саҳеҳаш ва Насоӣ дар Сунанаш аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу омадааст, ки фармуд: ***“Ҷабраил алайҳиссалом назди Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам буд, ки баногоҳ он Ҳазрат саллаллоҳу алайҳи ва саллам аз болои сари хеш садоеро шуниданд. Ҷабраил алайҳиссалом нигоҳашро ба сӯи осмон дӯхт ва гуфт: Ин дарест, ки ҳамакнун дар осмон кушода шуд ва қабл аз ин ҳаргиз кушода нашуда буд.*** *Ровӣ идома медиҳад:* ***Сипас аз он дар фариштае назди Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фурӯд омад ва гуфт:***

***وَقالَ: أَبْشِرْ بنُورَيْنِ أُوتِيتَهُما لَمْ يُؤْتَهُما نَبِيٌّ قَبْلَكَ: فاتِحَةُ الكِتابِ، وَخَواتِيمُ سُورَةِ البَقَرَةِ، لَنْ تَقْرَأَ بحَرْفٍ منهما إلَّا أُعْطِيتَهُ***

***“Мужда бод туро ба ду нуре, ки бароят дода шуда ва қабл аз ту ба ҳеҷ Паёмбаре дода нашудааст; (Онҳо иборатанд аз) Фотиҳатул китоб ва оёти поёнии сураи Бақара. (Инро бидон ки) ҳаргоҳ ҳарфе аз онҳоро қироъат кунӣ, ҳатман бароят дода мешавад.”*** (Саҳеҳи Муслим, 806)

Сураи Фотиҳа дарбаргирандаи маъонии Қуръони карим, шомили усул ва фурӯъи дин, дарбаргирандаи усули ақидаву ибодат ва шариъат, роҳнамоӣ ба сӯи дархости ҳидоят аз Раббулъоламин ва дархости барканор мондан аз роҳи мунҳарифон аст.

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَـٰنِ ٱلرَّحِيمِ

**Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим.** Аз Ибни Аббос разияллоҳу анҳу ривоят шудааст, ки фармуд: ***“Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам намедонистанд, ки чигуна миёни сураҳо фосила қарор дода ва онҳоро аз ҳам ҷудо кунанд, то он ки: “Бисмиллоҳи раҳмонир раҳим” бар эшон нозил шуд”.*** Дар ҳадиси шариф омадааст:

**كلُّ أمرٍ ذي بالٍ لا يُبدَأُ فيهِ ببسمِ اللهِ فَهوَ أبترُ**

***“Ҳар кори муҳимме, ки ба номи Аллоҳи азза ва ҷал оғоз нашавад, он кор бехайру бебаракат аст”.*** *(Гарчи ин ҳадис заиф аст, аммо олимон аз боби табаррук ба номи Аллоҳ таъоло бар ин ҳадис амал кардаанд.)* Ҳамчунин саҳоба разияллоҳу анҳумо тиловати китоби Аллоҳ ҷалла ҷаллолаҳуро бо **Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим** оғоз мекарданд, ба ҳамин хотир тиловати он дар оғози ҳар сухан ва амали неке мустаҳаб аст. Хондани он дар оғози вузӯ низ мустаҳаб мебошад *(яъне танҳо истифодаи лафзи “Бисмиллоҳ”)*, зеро дар ҳадиси шариф омадааст: ***“Барои касе, ки номи Аллоҳ ҷалла ҷалолуҳро бар вузӯ набарад, вузӯе нест”***. *(Ин ҳадис низ заиф мебошад.)* Ҳамчунин хондани он (*бо истифодаи лафзи “Бисмиллоҳ, Аллоҳу акбар”*) дар ҳангоми забҳ, дар назди Имом Шофеъӣ мустаҳаб аст, вале имомони дигар онро воҷиб шумурдаанд. Дар ҳангоми ғизо хӯрдан низ хондани он (*бо гуфтани танҳо лафзи “Бисмиллоҳ”*) мустаҳаб аст, зеро дар ҳадиси шариф омадааст:

**ادْنُ يا بُنَـيَّ فسَمِّ اللهَ، و كُلْ بيمينِك، و كُلْ مِمّا يليكَ**

***“Вақте мехоҳӣ ғизо бихӯрӣ, дар оғози он Бисмиллоҳ бигӯ, онгоҳ бо дасти ростат бихӯр ва аз ончи дар пеши ту аст, бихӯр”.*** (Саҳеҳи Ҷомеъ, 251) Ҳамин тавр хондани он (*гуфтани “Бисмиллоҳ”*) дар ҳангоми наздикии ҷинсӣ низ мустаҳаб мебошад, зеро дар ҳадиси шариф омадааст:

***لو أن أحدكم إذا أراد أن يأتي أهله قال: بسم الله، اللهم جنبنا الشيطان وجنب الشيطان ما رزقتنا، فإنه إن يقدر بينهما ولد لم يضره الشيطان أبدا***

***“Агар яке аз шумо онгоҳ, ки мехоҳад бо ҳамсараш ҳамбистар шавад, бигӯяд: Ба номи Аллоҳ, бор Илоҳо моро аз шайтон дур бидор ва шайтонро аз он чи рӯзиямон намудаӣ (аз фарзанд) барканор бидор; Дар ин сурат агар дар миёни он ду фарзанде муқаддар шавад, шайтон ҳаргиз наметавонад ба ӯ осебе бирасонад.”***

## Ба номи Аллоҳи бисёр бахшанда ва бисёр меҳрубон

***Аллоҳ****,* яъне маъбуди барҳақ, номи муқаддаси зоти Аллоҳ ҷалла ҷаллолуҳуст, ки бар ғайри Ӯ таъоло бар касе истифода нашудааст. Асли лафзи ***“Аллоҳ”*** аз лафзи ***“Ал-илаҳ”*** омадааст, ки бар ҳар маъбуде гуфта мешавад, чи бар маъбуди ҳақ бошад ё маъбуди ботил. Ба қавле ***“Аллоҳ”*** номи аъзами илоҳӣ аст, зеро ба тамоми сифатҳои камол мавсуф мешавад, чунонки Аллоҳи муттаъол фармудааст:

هُوَ ٱللَّهُ ٱلَّذِى لَآ إِلَـٰهَ إِلَّا هُوَ ۖ عَـٰلِمُ ٱلْغَيْبِ وَٱلشَّهَـٰدَةِ ۖ هُوَ ٱلرَّحْمَـٰنُ ٱلرَّحِيمُ

**“Аллоҳ касест, ки маъбуде ҷуз Ӯ нест. Ӯст донандаи ниҳон ва ошкор ва Ӯст бахшояндаву меҳрубон.”** (Ҳашр, 22)

Мулоҳиза мекунем, ки дар ин ду оят, баъзе номҳои дигар, сифатҳои ***“Аллоҳ”*** қарор гирифтаанд.

Аз он ҷо, ки ҷуз Аллоҳи таборак ва таъоло каси дигар ба номи **“Аллоҳ”** номида нашудааст, аз ин хотир тибқи қоидаи забони арабӣ аз лафзи **“Аллоҳ”** дигар чизе ҳосил намешавад. Бинобар ин, номи Аллоҳ ***“ҷомид”*** аст на муштақ. *Тибқи қоидаи забони арабӣ, калимаҳои* ***ҷомид*** *ба он калимаҳое гуфта мешавад, ки аз онҳо калимаҳои дигарро наметавон гирифт. Баракси он, калимаҳое низ ба номи калимаҳои* ***муштақ*** *вуҷуд доранд, ки аз ингуна калимаҳо чандин калимаҳои дигар ва ё маъноҳои дигарро ҳосил кардан мумкин аст.* Ин тавзеҳоти зикршуда нисбат ба лафзи **“Аллоҳ”** раъйи аксари усулиён *(олимоне, ки ҳар масъаларо бар аслаш нигоҳ мекунанд)* ва фуқаҳо мебошад.

***“Раҳмон”*** ва ***“Раҳим”*** ду номи муштақ, яъне калимаҳои ҳосилшуда аз раҳмат, бар сурати муболиға ҳастанд, албатта муболиғаи ***“Раҳмон”*** аз ***“Раҳим”*** дар маънои раҳмат бештар аст. Чунонки Ибни Ҷарири Табарӣ дар тафсири онҳо мегӯяд: “*Аллоҳи муттаъол бар тамоми халқ Раҳмон ва ба мӯъминон Раҳим аст*”. Номи ***“Раҳмон”*** низ хос барои Аллоҳи муттаъол мебошад, ки дигарон набояд бо он номида шаванд.

Бинобар ин, ба таври хулоса метавон маънои ***“Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим”*** – ро чунин шарҳ дод: ***Қабл аз ҳар чиз, ба номи Аллоҳи азза ваҷал ва ба ёд ва ба тасбеҳи Ӯ оғоз мекунам, дар ҳоле, ки аз Ӯ дар тамоми умури хеш ёрӣ меҷӯям, зеро Ӯ Парвардигор ва маъбуди барҳаққест, ки раҳматаш бар ҳама чиз густардааст, неъматдиҳандаи неъматҳои бузург ва кучак танҳо Ӯст ва танҳо бахшиш ва меҳрубонӣ ва эҳсони Ӯст, ки фаровон ва бардавом аст.***

**Ҳукми он:** Моликиҳо ва Ҳанафиҳо бар онанд, ки ***“Бисмиллоҳи раҳмонир раҳим”*** ояте аз сураи Фотиҳа ва дигар сураҳо нест, балки танҳо оғозгари сураҳост, ки фақат барои қарор додани фосила миёни сураҳо дар ибтидои онҳо навишта шудааст. Аммо Шофеъиҳо ва Ҳанбалиҳо бар онанд, ки ***“Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим”*** ояте аз сураи Фотиҳа аст, аз ин рӯ хондани он дар намоз воҷиб мебошад. Аз ихтилофи фуқаҳои ёдшуда, ки бигзарем, уммати Ислом иттифоқи назар доранд бар ин, ки ***“Бисмиллоҳир раҳманир раҳим”*** бахше аз як оят дар сураи ***“Намл”*** аст:

**إِنَّهُۥ مِن سُلَيۡمَـٰنَ وَإِنَّهُۥ بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَـٰنِ ٱلرَّحِيمِ**

**“Ин номае аз ҷониби Сулаймон аст ва ин нома ба номи Аллоҳи бениҳоят бахшанда ва меҳрубон аст”.** (Намл, 30)

**ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلۡعَـٰلَمِينَ**

**Ҳамаи ситоишҳо шоистаи Аллоҳест, ки Парвардигори оламиён мебошад.**

***Ҳамд:*** Сано ва сипоси забонист, ки барои афзалият ва бартарӣ додан, гуфта мешавад. Фарқ дар миёни ***“Ҳамд”*** ва ***“Шукр”*** яке дар ин аст, ки ҳамд фақат ба забон аст, аммо шукр ҳам ба забон, ҳам ба қалб ва ҳам ба дигар аъзои бадан мебошад. Фарқияти дигар ин аст, ки шукр фақат дар баробари неъмат аст, вале ҳамд дар баробари комил будани неъматҳои илоҳӣ гуфта мешавад, гарчанде ки дар баробари неъмате набошад. Аз онҷо, ки ҳеҷ маъбуде дар зот, сифатҳо ва номҳо аз Аллоҳи азза ваҷал комилтар нест ва ҳеҷ неъмате нест магар ин ки мустақиман ё ба восита, ба он зоти Муттаъоли бартар бармегардад, пас дар ҳақиқат тамоми ҳамдҳо ва

шукрҳо сазовори Ӯст ва танҳо Ӯ молики ҳар ҳамд ва шукрест. Дар ҳадиси шариф омадааст:

***أفضلُ الذكرِ: لا إلَه إلّا اللهُ، وأفضلُ الدعاءِ: الحمدُ للهِ***

***“Беҳтарин зикрҳо “Ла илоҳа иллаллоҳ” ва беҳтарин дуъоҳо “Алҳамдулиллоҳ” мебошад”.*** (Саҳеҳи Ҷомеъ, 1104) Оре ҳамаи ситоишҳо аз они Худовандест, ки “Раббул оламиён аст” ***Раб:*** Ба маънои Парвардигор, Молик, Сарвар, Солор, Муслиҳ, Мудаббир ва маъбуд мебошад. Раб номе аз номҳои Аллоҳи муттаъол буда, бар ғайри Аллоҳ таъоло, ҷуз бо қайд ва изофат истифода бурда намешавад. Мисли ин ки, бигӯӣ:

**هذا الرجل رب المنزل**

*Ин мард рабби (соҳиби) манзил аст.*

**“Оламин”** ҷамъи олам буда ва ҳар мавҷуде ғайр аз Аллоҳи муттаъолро мегӯянд. Баъзе бар онанд, ки олам маҷмӯъаи мавҷудоти оқил аст, ки шомили чаҳор навъ инс, ҷин, фариштагон ва шаётин мешаванд. Бар асоси ин таъриф, ба ҳайвонот ва чаҳорпоён олам гуфта намешавад.

**ٱلرَّحۡمَـٰنِ ٱلرَّحِيمِ**

**Бисёр бахшанда ва бисёр меҳрубон аст.**

Тафсири ин оят дар тавзеҳи маънои: ***“Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим”*** баён шуд. Аз онҷо, ки дар васфҳои Аллоҳи муттаъол ба رَبِّ ٱلۡعَـٰلَمِينَ маънои тарсу ҳайбат вуҷуд дошт, Парвардигори меҳрубон он оятро ба ٱلرَّحۡمَـٰنِ ٱلرَّحِيمِ, ки шомили тарғиб ва ташвиқ аст, муттасил сохт то ба ин

тартиб, дар баёни сифатҳои хеш, маънои бим ва ҳаросро бо рағбат ва умед ҳамроҳ ва якҷо гардонад. Зеро ин ду маъно дар канори якдигар, ангезаи беҳтаре барои бандагон дар итоъат ва фармонбардорӣ аз Ӯ падид меоваранд.

مَـٰلِكِ يَوۡمِ ٱلدِّينِ

## Молики рӯзи ҷазост.

Дар қироати дигаре, "***Маалик***" низ хонда шуда ва ҳарду қироат "***Маалик ва Молик***" саҳеҳ ва мутавотиранд *(дар шариъат истилоҳи "мутавотир" ба он маъност, ки гурӯҳ – гурӯҳ ё ҷамоъат – ҷамоъати мардум то имрӯз то дараҷае онро ривоят ва қироат кардаанд, ки ин ривоятҳо ва қироатҳоро намешавад дурӯғ ё заиф шуморид)*. Аммо баъзе гуфтаанд, ки ***"Малик"*** омитар ва комилтар аз ***"Молик"*** аст, зеро фармони Мулк ва Молик дар мулки вай нуфузкунанда (таъсиргузор) мебошад ва ӯ наметавонад ҷуз бо назар ва раъйи Мулк дар мулки хеш тасарруф кунад. Бархе дигар гуфтаанд, ки ***"Молик"*** комилтар аст, зеро Аллоҳи муттаъол Молики мардум ва ҳамаи ҷаҳониён мебошад, вале саҳеҳтар ин аст, ки тафовут дар миёни ду сифат нисбат ба Аллоҳи субҳон ин аст, ки Мулк васфе барои зоти Ӯ таъолост, дар ҳоле, ки Молик васфе барои феъли Ӯ мебошад.

**Явмиддин:** Рӯзи муҳосиба ва ҷазост аз сӯи Аллоҳи субҳон барои бандагонаш. Қатода мегӯяд: "Явмиддин рӯзест, ки Аллоҳ ҷалла ҷалолуҳ дар он рӯз бандагони хешро дар баробари аъмолашон кайфар ё подош медиҳад". Ибни Аббос разияллоҳу анҳу мегӯяд: "Явмиддин рӯзи ҳисоби халоиқ аст, ки Аллоҳи муттаъол ононро дар баробари аъмолашон ҷазо

медиҳад; Агар аъмолашон хайр буд, подоши хайр ва агар шар буд, ба онҳо кайфари шар медиҳад, магар онон, ки мавриди бахшиши Ҳақ таъоло қарор гиранд”. Дар ҳадиси шариф омадааст, ки ***“Зирак ва ҳушёр касест, ки нафси хешро мавриди муҳосиба қарор дода ва барои баъд аз маргаш талош ва кӯшиш намояд”.***

إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ

### Танҳо Туро мепарастем ва танҳо аз Ту ёрӣ меҷӯем.

Яъне фақат Туро ибодат мекунем ва танҳо аз Ту талаби кумак мекунем ва ғайр аз Туро намепарастем ва на аз ғайри Ту ёрӣ мехоҳем.

***Ибодат:*** Ибодат дар луғат ба маънои ниҳояти фурӯтанӣ ва хоксорӣ мебошад. Дар истилоҳи шариъат бошад, ибодат иборат аз амалест, ки ҷамъкунандаи ҳар ду маъно, яъне муҳаббату фурӯтании комил ва хавфу бим бошад.

Бо корбурди ду феъл ***“наъбуд”*** ва ***“настаъин”*** ба сиғаи ҷамъ, ба қасди нишон додани тавозеъ ва фурӯтанӣ аз сӯи бандагон аст, на ба ин маъно, ки онон худро таъзим карда ва бузург доштаанд. Гуё, ки банда ба нуқсон ва кӯтоҳии хеш аз истодан ба танҳоӣ дар пешгоҳи Худованди бузург эътироф намуда ва мегӯяд: Бор Илоҳо истодан ба танҳоӣ дар остони муноҷоти Ту сазовори шаъни ман нест, бад-ин хотир, ба соири мӯъминон пайваста ва қатрае аз уқёнуси онҳо мешавам. Пас дуъоямро бо онҳо бипазир ва муқаддам сохтани ибодат бар истиъонат (талаби кумак) ба ин сабаб аст, ки аввалӣ василае барои дархости дуввумӣ мебошад.

Ибни Аббос разияллоҳу анҳу дар тафсири: ***“Ийака наъбуду”*** мегӯяд: *“Парвардигоро! Фақат Туро ба ягонагӣ мехонем ва фақат аз Ту метарсем, на аз ғайри Ту ва бар тоъатат ва бар куллияи умури хеш, фақат аз Ту ёрӣ мехоҳем”*. Қатода мегӯяд: *“Аллоҳ ҷалла ҷалолуҳ дар ин оят ба бандагонаш дастур медиҳад, то ибодатро фақат барои Ӯ холис гардонида ва дар умури хеш фақат аз Ӯ ёрӣ бихоҳанд”*.

ٱهْدِنَا ٱلصِّرَٰطَ ٱلْمُسْتَقِيمَ

**Моро ба роҳи рост ҳидоят фармо.**

Роҳе, ки моро ба сари манзили улфат ва наздикии Ту мерасонад.

***Ҳидоят:*** Иборат аст аз иршод ё тавфиқ ё далолат ва роҳнамоӣ, аммо шахси роҳёфта ва ҳидоятшудае, ки аз Аллоҳи муттаъол талаби ҳидоят мекунад, ин дархосташ ба маънои талаби афзудан бар ҳидояти вай аст. Чунонки Аллоҳи муттаъол мефармояд:

وَٱلَّذِينَ ٱهْتَدَوْا۟ زَادَهُمْ هُدًى وَءَاتَىٰهُمْ تَقْوَىٰهُمْ

***“Ва касоне, ки ҳидоят ёфтаанд, Худованд бар ҳидояташон афзуд”*** *(Муҳаммад, 17)*

***Сироти мустақим:*** Роҳи равшани Ислом аст, ки ҳеҷ каҷҷие дар он нест, ҳамон роҳест, ки Паёмбарон алайҳиссалом бад-он барангехта шуданд, то саранҷом Аллоҳи муттаъол рисолати Хотам саллаллоҳу алайҳи ва саллламро поёнбахши рисолатҳояшон гардонид. Гуфтанӣ аст, ки сиротал мустақим дарбаргирандаи ҳамаи умурест, ки инсонро ба саъодати дунё ва охират ноил мегардонад, ки дарбаргирандаи ақоид, аҳком, одоб ва ғайра мебошад. Дар ҳадиси шариф ба ривояти Навос ибни Самъон

разияллоҳу анҳу омадааст, ки Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд: ***“Худованд барои сироти мустақим масалеро овардааст. Бадин гуна, ки бар ду паҳлуи сирот ду девор аст, ки дар онҳо дарвозаҳои кушодашуда ва бар он дарҳо пардаҳое овехташуда ва бар сари дари сирот, даъватгарест, ки мегӯяд: Эй мардум! Ҳамагӣ дар сирот дохил шавед ва каҷ наравед ва даъватгари дигарест, ки дар баландии сирот қарор гирифта ва чун инсон бихоҳад то қисмате аз ин дарҳоро бикушояд, ба ӯ мегӯяд: Вой бар ту! Онро боз накун, ки агар боз кунӣ, қатъан ба он ворид мешавӣ. Бинобар ин, сирот Ислом аст, ду девор ҳудуди Илоҳӣ ва дарҳои бозшуда муҳаррамоти Вайанд. Даъватгаре, ки бар сари сирот аст, китоби Аллоҳ ҷалла ҷалолуҳ аст ва даъватгаре, ки бар баландии сирот аст, воъиз ва андарзгӯи Илоҳӣ дар қалби ҳар мусалмонест”.***

Уламо гуфтаанд: “Аллоҳи муттаъол барои инсон панҷ асоси ҳидоят иноят фармуда, ки ӯ метавонад бо тавассул ба ин асосҳо, ба қуллаи саъодати ҷовидонӣ ноил ояд:

1. ***Ҳидояти фитрӣ:*** Инсон аз ибтидои таваллуд, аз он бархӯрдор мебошад, чун эҳсоси ниёз ба ғизо ва нӯшиданӣ.
2. ***Ҳидояти ҳиссӣ:*** Такмилкунанда ва мукаммали ҳидояти аввал аст. Гуфтанӣ аст, ки инсон ва ҳайвон ҳарду дар ин ду навъи ҳидоят муштараканд.
3. ***Ҳидояти ақлӣ:*** Бартар аз ду ҳидояти қаблӣ аст.
4. ***Ҳидояти динӣ:*** Ҳидояти хатонопазир аст.
5. ***Ҳидояти тавфиқӣ:*** Махсустар аз ҳидояти динӣ аст.

Ҳамин навъи ахир аз ҳидоят аст, ки Аллоҳи муттаъол дар ин оят, моро ба хостани доимии он фармон додааст”.

صِرَٰطَ ٱلَّذِينَ أَنْعَمْتَ عَلَيْهِمْ

**Роҳи касоне, ки ба онон неъмат арзонӣ доштаӣ.**

Ин неъматёфтагони гиромӣ, ҳамон касонеанд, ки дар сураи “Нисо” аз онон ёд шудааст, ҷое ки Аллоҳи муттаъол мефармояд:

**وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَٱلرَّسُولَ فَأُوْلَـٰٓئِكَ مَعَ ٱلَّذِينَ أَنْعَمَ ٱللَّهُ عَلَيْهِم مِّنَ ٱلنَّبِيِّـۧنَ وَٱلصِّدِّيقِينَ وَٱلشُّهَدَآءِ وَٱلصَّـٰلِحِينَۚ وَحَسُنَ أُوْلَـٰٓئِكَ رَفِيقًا**

**"Ва касе, ки Аллоҳ таъоло ва Паёмбарро итоъат кунад, [рӯзи қиёмат] ҳамнишини касоне хоҳад буд, ки Аллоҳ таъоло онҳоро гиромӣ доштааст, [яъне] бо Паёмбарону сиддиқон [тасдиққунандагони Паёмбар] ва шаҳидону солеҳон. Ва инон чи накӯ рафиқоне ҳастанд!"** (Нисо, 69)

غَيْرِ ٱلْمَغْضُوبِ عَلَيْهِمْ

**На роҳи касоне, ки мавриди хашм қарор гирифтаанд.**

Яъне моро ба гурӯҳе қарор надеҳ, ки аз роҳи мустақим мунҳариф шудаанд, гурӯҳе, ки аз раҳмати Ту дуранд ва ба сабаби он, ки бо вуҷуди шинохти ҳақ аз он рӯй бартофтаанд, ба сахтарин азоб ва шиканҷа мубтало мегарданд. Ин мағзубон ба қавли ҷумҳури уламо ва тибқи фармудаи Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам яҳудиёнанд.

وَلَا ٱلضَّآلِّينَ

## Ва на роҳи гумроҳон.

Ин гурӯҳ бар асоси фармудаи Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам ва ба қавли ҷумҳури уламо насоро мебошанд. Яъне аз он ҷое, ки яҳудиён ҳақро шинохтанд, вале огоҳона онро фурӯ гузошта ва аз он рӯй бартофтанд, сазовори хашм ва ғазаби илоҳӣ гардиданд ва аз онҷо, ки насоро низ аз рӯи ҷаҳл ва ноогоҳӣ, аз роҳи ҳақ мунҳариф шуда ва дар мавриди мақом ва манзалати Исо алайҳиссалом зиёдаравӣ карданд, дар гумроҳии ошкоре қарор гирифтанд.

***"Омин"*** яъне Худовандо! Дуъоямонро иҷобат кун. Дар ҳадиси шариф ба ривояти Оиша разияллоҳу анҳа омадааст, ки Расули Аллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам фармуданд:

***ما حَسَدتكمُ اليَهودُ على شيءٍ، ما حَسَدتْكم على السَّلامِ والتَّأمينِ***

***"Яҳуд бар ҳеҷ чизи дигар, ба андозаи салом гуфтан ва омин гуфтан бар шумо ҳасад наварзидаанд".*** (Ибни Моҷа, 856, ҳадис саҳеҳ аст.) Бояд донист, ки "омин" дуъо буда ва аз калимот ва оёти Қуръон нест. Албатта омин гуфтан баъд аз хондани сураи Фотиҳа суннат аст, ба далели ин ҳадиси шариф: ***"Ҳангоме, ки имом омин мегӯяд, шумо низ омин бигӯед, зеро ҳар кас омин гуфтанаш ба омин гуфтани фариштагон ҳамроҳ гардад, гуноҳони гузаштааш омӯрзида мешаванд."***

Назари Аҳноф ва Моликиҳо ин аст, ки паст хондани омин аз баланд хондани он беҳтар аст, аммо Шофеъиҳо ва Ҳанбалиҳо бар онанд, ки омин дар намозҳои сиррӣ (намозҳое, ки бо садои паст хонда мешаванд) паст ва дар намозҳои ҷаҳрӣ (намозҳое, ки бо садои баланд хонда мешаванд)

баланд хонда шавад ва муқтадӣ (иқтидокунанда) низ дар гуфтани омин бо имомаш ҳамроҳӣ кунад.

Уламои Ислом дар бораи ҳукми хондани сураи Фотиҳа дар намоз, бар ду назаранд. Назари Аҳноф ин аст, ки мутлақ қироати Қуръон дар намоз, чи сураи Фотиҳа ва чи ғайри он ба миқдори се ояти кӯтоҳ ё як ояти дароз, фарз аст, бинобар ин, хондани сураи Фотиҳа дар намоз фарз набуда, балки воҷиб мебошад. Райъи дуввум райъи ҷумҳури уламо (Моликиҳо, Шофеъиҳо, Ҳанбалиҳо) аст, ки хондани сураи Фотиҳаро дар намоз фарз медонанд.

***(Ҳамду ситоиш он Зотеро, ки ба неъматҳояш корҳои хуб итмом меёбанд ва саллаллоҳу ало Муҳаммад ва олиҳи ва саллама таслимо.)***